# БАРГУЗОРИИ СЕМИНАРИ ИЛМӢ-МЕТОДӢ ДАР МАВЗУИ «НИЗОМИ КОРҲОИ ИЛМӢ-ТАҲҚИҚОТӢ ДАР ЗАМОНИ МУОСИР»

Санаи 22 августи соли 2025 дар Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, дар доираи нақшаи баргузории чорабиниҳои муассиса, семинари илмӣ-методӣ таҳти унвони «Низоми корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар замони муосир», бахшида ба «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» баргузор гардид.

Семинарро директори муассиса, номзади илмҳои техникӣ Ниёзӣ Сироҷиддин Раҷаббоқӣ ифтитоҳ намуда, таъкид кард, ки бо ибтикори Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, аз соли 2020 инҷониб бо мақсади беҳтар ба роҳ мондани омӯзиши илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ ва тавсеаи тафаккури техникии насли наврас, солҳои 2020–2040 «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» эълон гардидааст. Дар ин замина, соҳаи маорифи кишвар ҳамарӯза барои фароҳам овардани шароити мусоид ва муҳити созгор ба хотири рушду такомулли тафаккури техникии ҷавонону наврасон ва аз худ намудани донишҳои наву замонавӣ кӯшиш ба харҷ дода истодааст, афзуд С. Ниёзӣ.

Дар ҷараёни семинар аз ҷониби унвонҷуёни пажӯҳишгоҳ А. Зумратов ва Р. Бурҳонова вобаста ба мавзуи чорабинӣ маърузаҳо пешниҳод гардиданд.

Сипас иҷрокунандаи вазифаи сардори Раёсати ташхис ва тақризи адабиёти таълимии муассиса, Д. Имомназаров, роҷеъ ба бартарияти зеҳни сунъӣ ва зарурати риояи меъёрҳои истифодабарии он дар низоми корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар замони муосир, маълумоти муфассал ироа намуд.

Семинар бо натиҷагирӣ аз муҳокимаҳои илмӣ ба анҷом расид.


22.08.2025 11:29


22.08.2025 11:22



